**МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ**

**«ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН»**

«Тасдиқ мекунам»
Ректори Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон»
__________ н.и.и. Ибодзода З.Ҳ.
аз «__»______ 2020, №_36_

# НИЗОМНОМАИ ШУРОИ ВОЛИДОНИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ "ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН"

ДУШАНБЕ-2020

## НИЗОМНОМАИ ШУРОИ ВОЛИДОНИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ "ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН"

### 1.МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи мазкур дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», «Дар бораи бақайдгирии давлатии «Асноди ҳолати шаҳрвандӣ», Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, карорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Оинномаи МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳавӣ таҳия шудааст.

2. Шурои волидони МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон», фаъолият ва муносибатҳои байни волидайн, донишҷӯён ва роҳбарияти донишкадаро ба танзим медарорад.

### 2.МАҚСАДИ ШУРОИ ВОЛИДОН

3. Шуро яке аз шаклҳои худидоракунии донишкада буда, дар беҳтаршавии идоракунӣ, танзими муносибатҳо, муқаррар намудани ӯҳдадориҳо, таъмини манфиатҳо ва ҳифзи хуқуқи ҳайати устодону кормандон, донишҷӯён ва волидон саҳм мегирад.

4. Шуро ташкилоти ғайрисиёсӣ буда, фаъолияти худро дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастуру супоришҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии тарбия Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи донишкада, дастуру супоришҳои ректор, Низомномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳавӣ ба роҳ мемонад.

5. Раисии Шурои волидйнро муовини ректор оид ба тарбиявӣ тарбия ба ӯҳда дошта, фаъолияти онро тибқи тлаботи санандҳои меъёрии-хуқуқӣ ба роҳ мемонад.

6. Шуро яке аз шаклҳои худидоракунии донишкада буда, дар беҳтаршавии идоракунӣ, танзими муносибатҳо, муқаррар намудани ӯҳдадориҳо, таъмини манфиатҳо ва ҳифзи ҳуқуқи донишҷӯён саҳм мегирад.

7. Мақсади асосии Шуро аз дастгирӣ ва ҳимояи ҳуқуқи устодону донишҷӯён иборат буда, дар мустаҳкам кардани зарфияти моддӣ-техникии донишкада мусоидат менамояд.

8. Шакли асосии фаъолияти Шурои волидон ҷаласа-машваратҳо буда, соле на камтар аз чор маротиба дар асоси нақшаи кори Шурои волидон баргузор мегардад. ҷаласа -машваратҳо ҳамон вакт фаъолият мекунанд, ки агар аз се ду ҳиссаи аъзои Шурои волидон ҳузӯр дошта бошад.

9.Нақшаи кори Шурои волидон пас аз баррасии он дар ҷаласаи Шурои волидони донишкада аз тарафи ректор донишкада тасдиқ карда мешавад.

10.Қарорҳои Шурои волидон оид ба ҳамаи масъалаҳои муҳокимашаванда бо тариқи овоздиҳии ошкоро қабул карда мешавад. Ҳангоми ба вуҷуд омадани зарурати интихобнамоӣ овоздиҳии пинҳонӣ сурат мегирад.

11.Қарори Шурои волидайн дар сурате қабул карда мешавад, ки агар аз нисф зиёди аъзоён Шурои волидайн барои қабули он овоз диҳанд.

12.Ба суратҷаласа раиси Шуро ва котиб имзо мегузорад.

13.Раиси Шурои волидайн иҷроиши қарорҳои Шуроро зери назорати қатъӣ гирифта, доир ба вазъи иҷрои онҳо ба раёсат ахборот медиҳад.

14.Танзими раванди фаъолияти Шурои волидайн ва коргузории он ба зимаи котиби Шуро вогузор мешавад. Котиби Шурои аз шумораи узви Шурои волидайн интихоб карда мешавад.

15. Деканҳои факултетҳо вазифадоранд, ки барои фаъолияти Шурои волидайни донишкада шароити мусоид фароҳам оваранд.

## 3.УҲДАДОРИҲОИ ШУРОИ ВОЛИДОН

16.Дар амал татбиқ намудани Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон«Дар бораи маориф», «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ», «Дар бораи бақайдгирии давлатии «Асноди ҳолати шаҳрвандӣ», қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Оинномаи МТҒ «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон», қарорҳои Шурои олимон, Фармоишҳои ректор ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳавӣ супоришҳои раёсати донишкада ва назорати имтиёзҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муқаррар кардааст;

17.Барои беҳтаршавии фаъолияти корҳои таълиму тарбиявии донишкада ва мустаҳкам намудани зминаи моддию техникии донишкада ширкат намуда, барои беҳтаршавии сифати фаъолияти корҳои тарбиявӣ дар донишкада, сифати таҳсилот таҳсилот ва дараҷаи донишандӯзии донишҷӯён мусоидат намуда, барои беҳтаришавии ин самтҳои донишкада пешниҳодҳо манзур менамояд.

## 4.ҲУҚУҚҲОИ ШУРОИ ВОЛИДОН

18.Шурои волидони факултетҳо ташкил карда шуда фаъолияти он тибқи низомномаи Шурои волидайни факултетҳо ба роҳ монда шуда,, масъалаҳои ҳалталаби онҳо дар сатҳи раёсати Шурои волидайни донишкада ҳаллу фасл менамояд;

19.Масъалаи расонидани ёрӣ ба таълимгирандагон аз оилаҳои камбизоат ва бепарастор, ҳимоя ва ҳавасманд кардани донишҷӯёни фаъолро дида мебарояд;

20.Ҳисобот ва хулосаи қарори комиссияҳое, ки бо қарори Шуро волидайни донишкада таъсисдодашуда ва Шурои волидони факултетҳоро шунавад;

21.Масъалаҳои дигареро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба салоҳияти он мансуб намудааст, ҳал намояд.

## 5. МУҚҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

22.Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи мазкур дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарори Шурои олимони донишкада ворид карда мешавад.

23. Фаъолияти Шурои волидон дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори Шурои олимони донишкада ва ё қарори суд қатъ мегардад.

24. Раёсати Донишкада дар ҳолатҳои зерин метавонад қарори Шурои волидонро бекор намояд:

- агар қарори қабулшуда хилофи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад;

- агар қарори қабулшуда ба ҷараёни таълиму тарбия дар донишкада халал расонад.

25.Дар асоси Низомномаи Шурои волидон факултаҳои донишкада вазифадор карда мешаванд, ки дар муддати то як моҳ Шурои волидони факултаҳоро ташкил намуда, Низомномаи онро барои тасдиқ ба Шурои олимони донишкада пешниҳод намоянд.

Низомнома дар ҷаласаи Шурои олимони донишкада «28» 10 соли 2020 (суратҷаласаи №4/19) баррасӣ гашта, ҷонибдорӣ карда шудааст.